УБАЙД РАҶАБ



# ШАМОЛ ХУНУК МЕХӮРАД?

МАОРИФ



Ми тоу 2
Р-12

УБАЙД РАҶАБ

# ШАМОЛ ХУНУК МЕХӮРАД?

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»
2015

**ББК 84 точик 7-5**
**Р-48**

**Р-48.** Убайд Рачаб. **Шамол хунук мехӯрад? -** Душанбе, «Маориф», 2015.-20 саҳ.

№ 2651
КДБЧ ба н...
М. МИРШАКАР

Чаро шеърҳои устод Убайд Рачаб содаву равон аст ва ба як бор хондан, осон ҳифз мешавад? Чаро дар ашъори бачагонаи шоири маҳбуб санъати такрор ҳамеша бамаврид, дилкашу дилнишин оварда шудааст? Сирри ин ҳама чиз, албатта, ба хонандагони азиз, набояд пӯшида бошад. Зеро устод на танҳо шоири чиреҳқалам, балки дар донистану омӯхтан ва истифодаи назму навои халқӣ низ беҳамтову мумтоз буданд. Аз ин хотир мо як шадда шеърҳои мисли об равону чун абри баҳор давон-давони устоди зиндаёд - Убайд Рачаб бо чону дил ба шумо ҳадя мекунем.

Хонед, ҳаловат баред ва аз ёд кунед.

ISBN 978-99947-838-3-0 © «Маориф», 2015

# ШАМОЛ ХУНУК МЕХӮРАД?

– Шамол хунук мехӯрад?
Пурсид аз модар Анвар.
– Не, – гуфто ба ӯ модар.
Анвар накарда бовар:
– Чаро, – бипурсид аз нав,
Одам дарро кушояд,
Шамоли хунук даррав
Ба хона медарояд?



# КУЧУКЧА ВА МУРҒОБӢ

Мурғобӣ ғо – ғо кунад,
Кучукча ғавғо кунад.
Рӯ – рӯйи оби дарё
Мурғобӣ шино кунад.



# АСПИ БАҲОДУР

Аз шохи санҷид,
Сояи ангур,
Хӯсида афтид
Аспи Баҳодур.

Тар шуд суми ӯ,
Ёлу думи ӯ.
Баҳодур онро
Дорад шустушӯ.



# АЛОПАР

Алопари мо
Турми дари мо,
Саги беҳтарин
Дар гузари мо.

Гар ошноӣ,
Коре надорад.
Бегона бошӣ,
Намегузорад.

Сар рӯйи ду даст
Мениҳад мудом,
Магӯ, ки хоб аст
Дар гӯшаи бом.

Аз дарс оям,
Дар мекушояд.
Аз шавқ гӯё,
Пар мекушояд.

Туро диҳад фан,
Бедор – Алопар,
Бар имои ман
Тайёр – Алопар.



Шом ояд, аз дар
Намебарояд.
То субҳ аз бом
Намефурояд.

Алопари мо
Турми дари мо,
Саги беҳтарин
Дар гузари мо.



# СУРАТ

Дар рӯйи дока Рашид,
Сурати сагро кашид.
Хоҳараш омад бараш,
Гуфт ба ӯ хоҳараш:
– Ин суратро ба ман деҳ,
Мошонро диҳам танбеҳ! –
Вай катчаро тарошид,
Дасти маро харошид.



# ЧУМЧУҚ

Чумчуқи зебо
Дорад Санавбар,
Думакаш – ало,
Сиёҳ – болу пар.

Дасташ расонад,
Чирқас мехонад.
Чиро мехонад,
Кас намедонад.



# БОБОИ МАН

Бобои ман – усто Амон,
Устои хуби деҳамон.

Месозад ӯ ҳар ғуна чиз
Аз чӯби бурсу чормағз:
Курсию кат,
Ҷевону миз,
Тирезаву дарҳои нағз.

Дарҳои бағдодии ӯ
Оянд ҳар касро писанд,
Бинӣ агар, меғӯйӣ ту:
– Моли кадом фабрикаанд!

Гар хона пӯшонад касе
Андар деҳи зебои мо,
Даъват кунад пеш аз ҳама
Бобои гулдасти маро.

Бобои ман – усто  Амон,
Шахси азизи деҳамон.

Ман бо раҳи ӯ меравам,
Албатта, усто мешавам!



# ДУГОНАҲО

Дугонаҳо,
Дугонаҳо,
Дугонаҳои бовафо,
Дугонаҳои меҳрубон,
Дугонаҳои қадрдон.
На аз қаду на аз либос,
На аз саломy пурсупос,
На аз нигоҳи ҳамчу барқ,
Намекунӣ ту ҳеҷ фарқ.
Ба синф парташон як аст,
Ба кӯча гашташон як аст.
Ба ҳар куҷо ба вақти нам,
Ба нимарӯзи гарм ҳам,

Ба зери якта соябон,
Раванд мисли хоҳарон…
Дугонаҳо,
Дугонаҳо,
Дугонаҳои бовафо,
Дугонаҳои меҳрубон,
Ба якдигар – мададрасон.



# БАРРАЧА

Баррачеки маст
Ба боғ омад,
Аз бомаки паст
Ҷаста фуромад.

Бидид маҳкам
Чаҳор тарафро,
Гуфт: – Мехӯрам
Хуб алафро.

Абри баҳорон
Зуд хабар шуд,
Бирехт борон,
Баррача тар шуд.

## ФАРИД

Аз кат гирам, – гуфт,
Куртаро Фарид.
Куртааш дармонд,
Куртааш дарид.

Шумо нагӯед
Ба модаркалон,
Медӯзад онро
Худи Фаридчон.



# АРОБА

Дусола шуд, дусола
Аробаи Вафоҷон,
Ба барраву бузғола
Алаф мебарад дар он.

Ҷома ба болои зин,
Дар соқи мӯза қамчин.
Гашти аробаро бин:
Аробаи нав барин!

Дар обаки софи ҷӯ
Ҳар бор, ки шӯяд ӯ,
Мешавад аз сари нав
Наву тозаву хушрӯ.

Дусола шуд, дусола
Аробаи Вафоҷон,
Ҳам барраву бузғола,
Ҳам Вафо розӣ аз он.

КДБҶ ба н
М. МИРШАКАР

УБАЙД РАҶАБ

# ШАМОЛ ХУНУК МЕХӮРАД?

Муҳаррир – Ю. Аҳмадзода
Муҳаррири техникӣ – А. Камолов
Рассом – С. Имоддинова
Ҳуруфчин – Г. Шокирова
Таррох – Р. Галимов

КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

КДБҶ ба номи
М. Миршакар



МАОРИФ